*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, (суроға 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

## ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.

Дар аксари мамлакатҳо моликият ва идоракунии ширкатҳои авиатсионии миллӣ дар ихтиёри давлат мебошанд. Ширкатҳои ҳавопаймоии хусусӣ комилан таҳти назорати шадиди хукумат дар масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ қарор доранд. Масалан, мақомотҳои дахлдор назорат менамоянд, ки кормандони ширкатҳои ҳавопаймоӣ ҳаракати озоди одамон, алоқа ва молҳоро дар байни минтақаҳои гуногун бидуни осеб дастрас намоянд. ИМА, Австралия ва то андозае Бразилия, Мексика, Ҳиндустон, Британияи Кабир ва Ҷопон фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоии худро танзим менамоянд. Дар гузашта ин мақомотҳои дахлдор нархи чиптаҳои ҳавопаймо, шабакаҳои хатсайр ва дигар талаботҳои амалиётиро барои ҳар як ширкати ҳавопаймоӣ муайян мекарданд. Ҳоло ширкатҳои ҳавопаймоӣ метавонанд бо фурудгоҳҳои гуногун музокира кунанд, хатсайрҳоро ба осонӣ кушоянд ва пӯшанд ва арзиши чиптаҳои ҳавопайморо муайян намоянд ва мувофиқи талаботи бозор хидмат расонанд. Ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон низ, дар ин системаи байналмилалӣ тадриҷан ворид гардида истодааст. Бинобар он, дар ин шароит механизмҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ дигаргун мешавад, ки вай асосноккунии илмиро тақозо менамояд. Маҳз мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз ин бармеояд, ки муаллиф таҳқиқи худро ба коркарди асосҳои консептуалии идоракунии комплекси авиатсионӣ, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои комплекси авиатсионӣ дар замони муосир, инчунин, ба омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии комплекси авиатсионӣ

ва имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидааст.

Дар мавриди таҳқиқоти муаллиф асосҳои методологии таҳқиқотро корҳои бунёдии олимон ташкил додааст, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир бахшида шудаанд. Дар ин раванд таҳқиқи мавзӯи муаллиф эҷодкорона чунин усулҳо ба мисли абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣ, пурсиши сотсиологӣ ва ғ. истифода намудааст.

Муаллиф бештар ба муносибати системавӣ такя намуда, қайд намудааст, ки "унсурҳои таркибии комплекси авиатсионӣ дар як муҳити ягона бо ҳамдигар дар иртибот буда, дар маркази қабули қарорҳо баъд аз таҳлили иттилооти беруна ва маълумоти барномавии парвоз қарори дахлдор пазируфта мешавад, вале танзимгарон ва экипажи ҳавопаймоҳо пас аз таҳлили маълумотҳои ҳақиқии парвоз оид ба идоракунии воситаҳои ҳаракати ҳавоӣ қарор қабул мекунанд"(с.11). Дар мавриди коркарди тавсияву пешниҳодҳо доир ба мукаммалгардонии механизмҳои идоракунӣ ба омӯзиши моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, аз ҷумла, таҷрибаи кишварҳои дар ҷодаи авиатсияи гражданӣ пешрафта таваҷҷуҳ додааст. Ва ин кор имкон додааст, ки низоми нақлиёти авиатсионии гражданӣ дар Тоҷикистон ва нақшаи сохтори комплекси авиатсионӣ дар он чун омили такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити имрӯза арзёбӣ карда шавад.

Дар мавриди такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар мадди аввал, реинжениринг, ё ин ки дигаргунсозии заминаи иттилоотӣ ва технологии ташкил намудани идоракунӣ қарор мегирад.

Реинжениринг дар худ усулҳои барқарорсозии ҳамаҷонибаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии идоракуниро бо фарогирӣ ва азнавташкилдиҳии ҳама ҷузъҳо бидуни истисно, ки низоми ҳавасмандкунии

инсонро дарбар мегирад, муттаҳид менамояд. Аммо, ин масъала ва ё механизми муҳими такмилдиҳии идоракунӣ дар таҳқиқот норавшан мондааст.

Кори диссертатсионии Раҳмон Ю.А. дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» таҳқиқоти ба итмомрасида буда, дар ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда саҳмгузор аст. Бинобар ин, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Тақризнавис:
омӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилии
факултети техникӣ ва технологии
ДДБ ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ Ашуров Н.А.

Имзои Ашуров Н.А.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Телефон: (+992-3222)24520, 2022253 e-mail:Ktsu 78@ mail.
Email: nosir-85@mail.ru
Тел: 992937101985